


*Назар Табарзода*

# ХАРБУЗАИ БАРГИ НАЙ



Мел ш07 2
Н-50.

НАЗАР ТАБАРЗОДА

# ХАРБУЗАИ БАРГИ НАЙ

ДУШАНБЕ,
"АДИБ"
2005

ББК 2+4
Н-50

*Муҳаррир* *Ҷӯра Ҳошимӣ*
*Мусаввир* *Ҷомӣ Камолов*

128664

Н $\frac{4803540202-48}{M-503}$ 2005

© Назар Табарзода, 2005 с.

# МАН ДАР СИННИ СЕСОЛАГӢ БА ТАНӮРИ ЗАМИНИИ ПУРОТАШ АФТОДАМ

Ман кӯдакони аз 1-сола то 10-12-соларо бениҳоят дӯст медорам, аз кадом миллате бошанд, барои ман фарқ надорад. Ман худро бе онҳо тасаввур карда наметавонам. Мехоҳам, бо онҳо мактаб хонам, ҳамроҳашон бозӣ кунам, ба хонаҳояшон рафтуо намоям. Хулоса, бачаҳо дар дилу ҷонам пайванде доранд. Ин, албатта, сабаб дорад: зимистони соли 1924, пагоҳи барвақт бародарам Алимардон, ки аз ман се сол калон буд, барои бозии пешгирак аз хобам бедор кард. Дидам, ки дар дасташ қуттии вазелин аст. Гуфт:

- Ман қуттиро ҷар мекунам, ҳар кӣ пеш гирад, қуттӣ аз они ӯст.

- Аз ҷогаҳи хоби ман тахминан 5 метр поёнтар чакдони пури оташ буд. Ҳар дуямон баробар истодем. Вай қуттиро ҷар кард, ман онро пештар гирифтанӣ будам, ки маро тела дод. Дар чакдони пури лахача якнима ба тарафи чап афтидам. Алимардон, шояд аз тарс бошад, гурехта берун рафт. Ман аз ҳавли ҷон як навъ карда аз чакдон хестаму берун омадам ва сутуни долонро дошта фиғон кашидам:

- Очаҷон! Ман сӯхтам, очаҷон!..

Модарам дар оғил гов медӯшидааст. Овози маро шунида, тозон баромаду дид, ки як ними баданам сӯхтааст. Вай ҳам гӯё баробари ман сӯхт, бисёр оҳу фиғон кард, дорую даво овард ва дар тасаллиятам гуфт:

- Хайрият, бараҳна будӣ, набошад, сӯхта мемурдӣ…

Хулоса, ду сол дард кашидам. Кӯдакони деҳа маро ҳамроҳи модарашон хабаргирӣ меомаданд. Яке дар дасташ якто себ, дигаре ду тухм, сеюмӣ чанд дона чормағз меовард. Дар байни онҳо бисёртар духтарони ҳамсоли худам буданд ва нисбат ба писарон бештар хабарғирӣ меомаданд.

Модароне, ки кӯдаки саридастӣ доштанд, бо забони кӯдакашон маро ҳолпурсӣ мекарданд. Ҳамин буд, ки меҳри кӯдакон дар дили ман амиқ реша давонд.

Ҳоло ҳам дар кӯчаамон нисбат ба калонсолон кӯдакон маро бештар меҳрубонӣ мекунанд. Ба хотири онҳо дар маҳалла боғи сермевае бунёд кардам. Аз ғӯрагӣ то пухта тамом шудани меваҳо бачаҳо меҳмони доимии мананд. Ман ҳам онҳоро меҳрубонӣ мекунам, ҳар чӣ мехоҳанд, фароҳам меорам ва ҳангоми ғусел аз пасашон бо ҳавас менигарам. Ҳоло ҳам нисбат ба писаракон духтаракон бештар ба боғ меоянд.

Аз ин хотир барои хурдтаракон китоби бисёре навиштаам, ки хонда хотирашон шод шавад. Ин китобам ҳам аз ҳамин қабил китобҳост, ки ба хотири хушҳолии кӯдакон, барои дарсу ибрате гирифтанашон аз ин китоб, бо нияте, ки дар зиндагӣ бароящон ёрию мададе карда бошам, навиштаам.

*Муаллиф*

## МАКТАБ

Мактаб дари худ во кард,
Моро ба дилаш ҷо кард,
Ҷо меҳри «Алифбо»-ро
Дар диду дили мо кард.

## УСТОД

Устод шаб нахобад,
Аз хоб рӯ битобад,
Бедор то ки бошем,
Ҳушёр то ки бошем.
Донем то ки осон,
Осон шавем пурдон.
Бар он, ки ботамиз аст,
Устод бас азиз аст!

## ЭМИНА

Ҷони бобо - Эмина,
Духтараки бекина!
Дар синфи ду мехонад,
Дарсашро хуб медонад.
Як духтари дилҷӯ аст,
Сарвари синфи ду аст.
Сарварӣ ҳам осон нест,
Нони лаби карсон нест:

Ҳамсинфон дӯсташ доранд,
Аз ӯ дар ифтихоранд.

## ДУО

Бобои Ҳомид
Дар раҳ маро дид,
Аз хонданам ӯ
Бо шавқ пурсид.
Гуфтам, ки:
- Бобо,
Дорам «Алифбо»
Мехонам онро
Бурроюа ъло!
Бобо бишуд шод,
Шодон дуо дод:
Гуфто, ки:
- Ҳодӣ,
Бахти ту хуш бод!

## ГУЛИ НАВРӮЗ

Эй гули наврӯз,
Шоду дилафрӯз,
Хандон шаву боз
Ҷону дил афрӯз!

Туро бубинам,
Аммо начинам,

Дар пешаки ту
Як дам нишинам.

Дар бари беша
Дорӣ ту реша,
Сабзу шукуфон
Боши ҳамеша.

## НАЪНОГУЛ

Наъногули биноӣ
Хушбӯяку зебоӣ.
Дар рӯзаки баҳорон,
Гул мекунӣ фаровон,
Як бӯйи хоса дорӣ,
Дар ҷону дил мефорӣ!

## ОЛУЧАИ САҲРОӢ

Олучаи саҳроӣ,
Нигоҳубинат кунем.
Нарм заминат кунем.
Аз чашма обат орем,
Туро танҳо нагзорем,
То гул кунӣ, бихандӣ,
Шодон олуча бандӣ!

## БАРФИ БЕМАҲАЛ

Аз нав баҳори меҳрубон
Омад ба ин мулку макон.
Ҳар рустанӣ шуд шодмон,
Омад ба ҷисмаш боз ҷон.
Аз нури меҳри файзбор,
Аз боду борони баҳор,
Бедор шуд, ҳушёр шуд,
Аз ғунчаҳо пурбор шуд.
Нохост барфи бемаҳал
Омад ба сад ҷаҳду ҷадал.
Борид беш аз як вaҷаб,
Мардум ғазид ангушту лаб.
Аммо, чӣ хуш, гардид об
Зуд он зи тасфи офтоб.
Дар шохсорон ғунчаҳо,
Карданд хуш нашъунамо.
Офат аз ин ҷо дур шуд,
Рӯи замин пурнур шуд.
Дар ин баҳори босафо,
Дар боғу роғу кӯчаҳо,
Ҳар шохае ғарқи ғул аст,
Оби равон дар ғул-ғул аст!



## ПУЛИ БАРФИН

Бингар, кӯҳи Баковул,
Доману бар - пур аз гул,
Баҳри дилат кушояд
Бо савти кабку булбул.
Аз зери фарку зарранг,
Ҳатто зи рӯи ҳар санг
Рӯида сабза сад хел,
Гулҳо шукуфта сад ранг.
Сарсабз – арчазораш,
Дилсоф – чашмасораш,
Ҷонбахш – ҳар канораш.
Дигар, табиати он,
Бо кӯмаки зимистон,
Пул баста аз яху барф
Болои рӯди тозон.
Хоҳӣ кунӣ тамошо
Аз рӯд он тарафро,
Аз рӯи пули барфин
Бигзар, накарда.

## БИЁ, ТОБИСТОН!

Биё, фасли тобистон,
Бо рӯи шоду хандон,
Бо насими атрофшон,
Бар кишвари зебоям.

Гардиш бикун саропо,
Дар кӯҳу дашту саҳро,
Дастархони худ бикшо
Бар кишвари зебоям.

Эй фасли бошарофат,
Бошӣ дур аз ҳар офат,
Бахшо ту нозу неъмат,
Бар кишвари зебоям.

Некии туст бисёр,
Моем аз ту миннатдор.
Доим файзи худро бор
Бар кишвари зебоям.

## ДУХТАРИ КАЛОН

Ман духтари калонам,
Аз дигарон намонам.
Аз пахтаҳои хандон
Чида орам ба домон.
Резам дар рӯи хирман.
Таҳсин кунад марду зан.

## РАҲМАТ БА ТУ, ДУХТУРҶОН!

Модарҷонам касал буд.
Якҷоя буд, чу шал буд.
Аҳволи зиндагимон
Душвору пурхалал буд.

Раҳмат ба ту, духтурҷон,
Духтурҷони меҳрубон,
Аз дорую давоят
Модарҷон шуд раҳгардон.

Модарҷонам сиҳҳат шуд,
Бардаму боқувват шуд,
Аз дигар хонаи мо
Хушбахту хушдавлат шуд!

## ОБАКИ ШИРИН

- Обаки шӯхи ширин,
Обаки софу нӯшин,
Ҳай, босафо биёӣ!
Гӯй, аз куҷо биёӣ?
- Меоям аз таги санг,
Аз ҷоҳои бас танг,
Шому саҳар давида,
Азобу раҳ кашида,
Тозам ба ҷониби ту,
Бо орзуйи токӯ:

Гар ташнаӣ, бинӯшӣ,
Шӯйӣ либосу пӯшӣ!
То дасту рӯ бишӯйӣ,
То ашкру об гӯйӣ.

## БЕДИ САРИ РОҲ

Бедаки хуш зебо бубин,
Сояи хубу салқин,
Дар тобистони сӯзон
Зераш ахистон барин.

Ҳар кас ин ҷо нишинад,
Ҷонаш роҳат бубинад,
Бар таги тоқии хеш,
Барге аз он бичинад.

Хеле таскин меёбад,
Завқи аз ин меёбад,
Ҳар кас нишонда бошад,
Сад офарин меёбад!

## МЕҲРУБОНИ БОБО

- Эй ҷони оча, Хисрав,
Рав бо тағоят Маскав,
Дар вақти таътили худ
Бақуввату бардам шав.

- Оча, аз пеши бобо
Намеравам ба ҳеҷ ҷо,
Ҳаргиз дилам нахоҳад,
Монад ба хона танҳо.

Дар хона нест гар кас,
Ҳолаш чӣ мешавад пас?
Ман меравам диғар бор,
Таго худаш равад бас.

## САРВИНОЗИ ДОНОЯК

Бесабабу бедарак
Сарвинози хурдакак
Гар пеши дарро рӯбад,
Касе дарро мекӯбад.
Хеста кушоям дарро,
Берун барорам сарро,
Ё момоям меояд,
Ё бобоям меояд.
Модарҷонам мепазад
Таомҳои болаззат.
Хонаро ман бирӯбам,
Касе намеояд ҳам...

## САВОЛ БА ДАРЁ

Обаки шӯхи дарё,
Хонаи ту дар куҷо?
Аз дараи Камаров
Меравӣ то ба куҷо?
Касро намекунӣ гӯш,
Меравӣ бо сад хурӯш.
Шояд бигӯи боре:
- Обаки софам бинӯш!

## САВОЛУ ҶАВОБ

- Бозор агар бузро баред,
Додо, чӣ бар ман мехаред?
- Бишкастаӣ бас косаро,
Бас косаҳои хосаро,
Бозор агар бузро барам,
Пас коса мебояд харам!

## ОЛУЧАИ ТУРУШАК

Олучаи турушак,
Туро хӯрам бо намак!
Чун пазӣ, сурхак шавӣ,
Хӯроки мурғак шавӣ!

## ТЕЛЕФОНИ КАР

Медонӣ, эй ҷӯраҷон?
Кар шуд гӯши телефон!
Рафта гӯям ба духтур,
Духтур биёяд аз дур.
Доруҳоро соз кунад.
Гӯшакашро боз кунад.

## КАМОЛ ВА ШАМОЛ

Мошин равад бо шитоб,
Бо роҳи пурпечутоб.
Бораш, ки гандум бувад,
Рӯзии мардум бувад.
Ронандааш-бемисол,
Кӣ бошад он кас? Камол!

Абрак равад бошитоб,
Баста раҳи офтоб.
Бораш, ки борон бувад,
Файзаш фаровон бувад.
Ронандааш –бемисол,
Кӣ бошад он кас? Шамол!

## АЙ-Я-Я

Коса гирифтам ба даст,
Афтид аз дастам, шикаст.
Духтарчаи ҳамсоя
Гуфто маро:
- Ай-я-я!!!

## ХИРСАК

Ҳайюлову ҳайюло,
Хирсак омад аз боло.
Бандаш - дар дасти бобо,
Раҳ мегардад бо ду по.
Бобо гӯяд:
- Бозӣ кун!
Бачаҳоро розӣ кун!
Аз ҷо хезад бо ду по,
Сар дар замин, по боло.
Бобо гӯяд:
- Баро дор!
Лангарро дар дастат дор!
Барояд дори баланд,
Фурояд бас фараҳманд…
Бачаҳо пул бидоданд,
Як даста гул бидоданд.
Ба хирсакаш қанд доданд,
Ба ҳунараш тан доданд!



12866.

## ХАРБУЗАИ БАРГИ НАЙ

Харбузаи барги най,
Чӣ хуш бамазза! Ҳай-ҳай!
Сабр кунӣ, мепазад,
Хӯрданаш месазад!

## ТӮЙ

- Гулбуттаҷон, Гулбутта!
Тӯй биё, албатта!
Ҳо, райҳону пудина,
Тӯй - саҳари одина!
Лак-лаки лак, лак-лака!
Бум-баки бак, бак-бака!
Ҳо, Бодому ҳо, Арча,
Ҳо, Себаку Олуча,
Тӯйи Фарку Заранг аст!
Рақсу бозӣ таранг аст!
Лак-лаки лак, лак-лака!
Бум баки бак бак-бака!
Беди маҷнун тӯй омад,
Мӯяш ба қад ҳуй омад.
Дар лаби ҷӯ шинонед,
Ӯро хиҷил намонед.
Лак-лаки лак, лак-лака!
Бум-баки бак, бак-бака!
Чарандаву паранда,
Дарандаю хазанда,
Аз ҳама кӯчаю сӯй.



Омада шодон ба тӯй,
Лак-лаки лак, лак-лака!
Бум баки бак бак-бака!
Кист ба ин тӯй амин?
Амин худ Обу Замин!
Беди маҷнун бозӣ кард,
Меҳмононро розӣ кард.
Лак-лаки лак, лак-лака!
Бум баки бак бак-бака!

## ОШНО ШАВӢ, БО САГ ШАВ!

Чи-гӣ, чи-гӣ, бузича,
Биё паси дарича!
Ошно нашав бо гурба
Бо гурбаи чун тӯрба.
Саг ӯро шум мебинад!
Ҳамроҳаш чун мешинад?
Ҷӯра шавӣ, бо саг шав,
Ҳар ҷо равӣ, бо саг рав.
Гарчӣ номаш бад бошад,
Некиаш беҳад бошад.

## ҶӮРАГӢ

Аккаяки думдароз,
Ҷӯра нашав ту бо қоз.
Оббозиро надонӣ,
Шино карда натонӣ.

Сар нахалонӣ дар об,
Надорӣ тоқату тоб.
Беҳтараш, рав ту ба боғ,
Ҷӯра бишав ту бо зоғ!
Ту алову вай ҷиёҳ,
Меҳӯред дону гиёҳ.

## ПЕШГӮЙӢ

Қурбоқа қур-қур кунад,
Ҳаворо ноҷӯр кунад.
Пайдо шавад абраке,
Абраки бесабраке.
Борон борад фаровон
Дар кӯҳу дашту ёвон.
Қурбоқа пинҳон шавад,
Аз ин пушаймон шавад.
Дар таҳаки об равад,
Осудаяк хоб равад.

## ҚАҲРӢ

Сангодавак касал шуд,
Лозим ба ӯ асал шуд.
На падару на модар,
На додару на хоҳар.
На холаю на амма,
Қаҳрӣ буд ӯ бо ҳама.

Вах, дилакам хун шавад!
Ҳолаки вай чун шавад?!

## САНГОДАВАК

Сангодавак – белона
Ҳар сӯ қадам мемонад,
Асрори рафторашро
Танҳо худаш медонад.
Ду по сутуни осмон,
Мехобад остона:
Мабодо, осмон афтад,
Тори сараш шабона!

## ГУРБА БА ЗИМИСТОН ЧӢ ГУФТ?

Ҳут омадаву гӯрба:
- Мияв! - Гуфт,
- Бар ман алав ореду палав, -
- Сармо назанад пойи арӯсам,
Эй моҳи зимистон ту бирав гуфт!

## НАСИБИ САГ

Соати ҳашти саҳар,
Мактаб меравад Сафар.
Сумкаашро мекобад,
Аз ҷояш намеёбад.

Сумкаро сагаш бурдаст,
Аз банди тагаш бурдаст.
Дар сумка ҳасиб будаст!
Бар сагаш насиб будаст?

## ҒАМХОРИ МОДАР

Як мӯрчаи сиёҳранге
Ҳар сӯ бидавид бо зарангӣ.
Ҳар ҷо бирасиду донае кофт,
Як резаи нони равғанӣ ёфт.
Нонро бигирифт дар бари ҷон,
Гуфто: - Бибарам ба модарам ҷон!
Пир асту мадор дар танаш нест,
Як донабиёр ҷуз манаш нест...

## АНГУР

Эй ангури ёбоӣ,
Аз боғи мо ҷудоӣ?
Биё, гапи маро гир,
Туро барам аз адир,
Дар боғамон шинонам,
Пайваста об монам.
Абрак борон надорад,
Дар тобистон наборад.
3-ин ҷо кӯчида рафтаст,
Туро нодида рафтаст.

## ЧӮҶАИ КАБК

Эй чӯҷакабки зебо,
Эй ҳусни ҳавлии мо,
Кай мешавӣ калонак,
То сар диҳам ба саҳро.

Аз шоҳинат раҳонам,
Ҳам гурбаро биронам,
Осеб то набинӣ.
Ман худ чу посбонам!

Хушгарду хушпарӣ ту,
Мурғи навогарӣ ту
Ғам бурда аз дили кас,
Шодӣ биёварӣ ту!

Эй чӯҷакабки зебо,
Эй ҳусни ҳавлии мо,
Шодона болу пар зан
Бар сӯи кӯҳу саҳро!

## ОФТОБАК

Офтобаки гармакак,
Сӯи замин нармакак,
Гармии худ ато кун!
Аз сардияш раҳо кун.

Баҳор ояд, гул дамад,
Шодӣ ояд, ғам рамад.
Абрро накун ту болин,
Бас бошад хоби ширин!

## САДАФ

Вах, ки Садаф омадааст,
Лола ба каф омадааст.
Аз деҳи Рашт омадааст,
Аз сари дашт омадааст.
Ғарқи сурур омадааст,
Балки чу ҳур омадааст.
Лола ба сар, лола ба рӯ,
Лола ба ҳар ҳалқаи мӯ.
Рангу рухаш – лолаи тар!
Ё ки худаш лола магар?

## ГУНҶИШКАКИ ДОНОЯК

Лона месозад бо хас,
Шодонаю шитобон.
Бе ёрии ягон кас,
Дар шохи себи калон. –

Гунҷишкаки донояк,
Гунҷишкаки балояк!

Ана бубин, фуромад,
Дар нӯлакаш пари зард.
Ба лонааш даромад,
Даррав монду баромад. –

Гунҷишкаки донояк,
Гунҷишкаки балояк!

Лонаро аз се гӯша
То наафтад аз шамол,
Печонида бо пахол
Дар навдаи секӯша. –

Гунҷишкаки донояк,
Гунҷишкаки балояк!

## МӮРЧА ВА ТОРТАНАК

Мӯр гуфто ба Занбӯр:
- Тортанак устои зӯр!
Надорад ӯ чун ту пар,
Нагардад ӯ дар ба дар.
Худ бо лабу даҳонаш
Бофад тӯри калонаш!
Гуфто Занбӯр:
- Эй Мӯрак!
Таърифат нозарурак!
Ман худ медонам ӯро:
Ҷояш – бари буттаҳо.

Ишкамаш чун тарбуз аст,
Пояш чу мӯйи буз аст.
Ҳоло нигар, ман парам,
Тӯраки вайро дарам!
Пас газам аз пушти ӯ,
Хуш хуррам аз гӯшти ӯ!
Инро бигуфту Занбӯр
Бо саракш зад ба тӯр.
Лекин аз ин зарбу зӯр
Канда нагардид тӯр.
Охир шуд ин худписанд
Дар тори тортанак банд!

# МУНДАРИЧА

1. Мактаб .................................................... 5
2. Устод .................................................... --
3. Эмина .................................................... --
4. Дуо .................................................... 6
5. Гули наврӯз .................................................... --
6. Наъногул .................................................... 7
7. Олучаи саҳрой .................................................... --
8. Барфи бемаҳал .................................................... 8
9. Пули барфин .................................................... 10
10. Биё тобистон! .................................................... --
11. Духтари калон .................................................... 11
12. Раҳмат ба ту, духтурҷон! .................................................... 12
13. Обаки ширин .................................................... --
14. Беди сари роҳ .................................................... 13
15. Меҳрубони бобо .................................................... --
16. Сарвинози донояк .................................................... 14
17. Савол ба дарё .................................................... 15
18. Саволу ҷавоб .................................................... --
19. Олучаи турушак .................................................... --
20. Телефони кар .................................................... 16
21. Камол ва шамол .................................................... --
22. Ай-яй-я! .................................................... 17
23. Хирсак .................................................... --
24. Харбузаи барги най .................................................... 18
25. Тӯй .................................................... --

26. Ошно шавӣ, бо саг шав! .................................. 20
27. Ҷӯрагӣ .................................................... --
28. Пешгӯйи ................................................... 21
29. Қаҳрӣ ..................................................... --
30. Сангодавак ................................................ 22
31. Гурба ба зимистон чӣ гуфт? ................................ --
32. Насиби саг ................................................ --
33. Ғамхори модар ............................................. 23
34. Ангур ..................................................... --
35. Чӯҷаи кабк ................................................ 24
36. Офтобак ................................................... --
37. Садаф ..................................................... 25
38. Гунчишкаки донояк ......................................... --
39. Мӯрча ва Тортанак ......................................... 26

**НАЗАР ТАБАРЗОДА**

## ХАРБУЗАИ БАРГИ НАЙ
**(шеърҳо барои кӯдакон)**

Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Р. Атоева*

Ба матбаа 12.07.2005 супорида шуд. Чопаш 27. 07. 2005 ба имзо расид. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,01. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 62

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37

Комбинати полиграфии Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126